1. Мехоҳам бо Ту бошам, эй Масеҳи ман!
   Ҳар соату ҳар лаҳза, эй Худои ман!
   |: Бе Ту ман ором нестам,
   Бе Ту ман хушбахт нестам.
   Ҳаётам бо Туст, Масеҳ, эй Худои ман! :|

2. Дар гуноҳ баста будам, озодам кардӣ.
   Мурда будам, лекин Ту ҳаёт бахшидӣ.
   |: Дар куҷо ором ёбам,
   Эй Масеҳ, Наҷоткорам?
   Назди пойҳоят, Масеҳ, ман ором ёбам. :|

3. Дар салиб кушта шудӣ, хунатро рехтӣ,
   Бо азобҳои зиёд ҷон супоридӣ.
   |: Мехоҳам, бо Ту бошам,
   Эй Масеҳ, Наҷоткорам.
   Мехоҳам дар Ту бошам, ояндаи ман! :|